# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-030 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзуи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

1. Аҳамияти тадкиқоти мазкур дар он аст, маводи диссертатсияро метавон ҳамчун василаи таъминоти методӣ барои инкишофи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияҳои муосири иттилоотӣ истифода намуд. Илова бар ин, ҳангоми коркарди воситаи ташхисӣ имконияти муайян намудани мавҷудияти сатҳи салоҳияти волидайн, эҷоди тасвияҳои истифодаи тарҳи самараноки ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷараёни таҳия ва истифода намудани барномаи самарабахшии ҳамкории хонавода ва муассисаҳои таълимӣ дар асоси тарҳи пешниҳодшуда таъмин менамояд.

Диссертатсия мутобиқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом расонида шудааст.

Кор диссертатсионӣ дар шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 27.06.2022, №12).

Дар хулосаи шуъба ва ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ ба диссертатсия баҳои воқеию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар кори диссертатсия консепсияи интихоби оптималии усулҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир барои рушди низоми таҳсилоти ватанӣ ба миён гузошта шудааст. Ин имкон медиҳад,

ки алоқаи байни мақсад, вазифаҳо, мазмун, шаклҳои ташкили таълим аз як тараф ва усулҳои таълим аз тарафи дигар муайян карда шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар ворид намудани техника ва технологияи иттилоотӣ дар раванди таълими ҳама фанҳо зарурати баланд бардоштани маърифати иттилоотии омӯзгор, ҷорӣ намудани усулҳои нави таълим бо истифодаи технологияи компютерӣ дар самтҳои назорати дониш, семинарҳои лабораторӣ, аёният дар дарс, худомӯзӣ (ҳамкориҳои шабакавӣ) ба миён орад.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна дар мавзӯи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» ба шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), аз ҷумла ба банди 1 - Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ) ва банди 4 - Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад, ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия дар 20 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои

барои ҳимоя пешниходшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна таҳти унвони «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

**- Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ:

**- Латифзода Диловар Назришоҳ** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консеваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов;

- **Ошимова Маҳбуба Машарифовна** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогикаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ — Зиёзода Т.Н.,

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Раҳимзода Х.

номзади илмҳои педагогӣ,
ходими пешбари илмӣ — Махкамов Д.

31. 01.2023

Имзои Зиёзода Т.Н., Раҳимзода Х.
Махкамов Д.-ро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ АТТ — Ҳакимова Х.